**Тақриз**

ба автореферати рисолаи номзадии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз руи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Ҷомеаи маънавибунёди тоҷикон дар даврони соҳибистиқлолият бо мақсади тақвият бахшидан ба рушду тавсеаи фанҳои табиӣ-риёзӣ як қатор санаду дастурҳои ҳуқуқӣ – меъёриро ба тасвиб расонидааст, ки дар баланд бардоштани маърифату маънавияти донишомӯзон аз аҳаммияти хос бархурдор аст. Дар ҳамин замина бо иқдоми маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 ҳамчун «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» эълон гардид, ки ин ҳадаф умдатарин марҳилаи рушд дар фарогирии комили фанҳои мазкур маҳсуб меёбад. Ин дастур дастандаркорони маорифро мувазззаф ба он мекунад, ки бо баҳрабардорӣ  аз техналогияи муосир ва роҳу равишҳои ҷадиди таълим дар омӯхтану андӯхтани фанҳои табиӣ-риёзӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гарданд.

Вобаста ба ҳамин масъала баррасиҳо ва таҳқиқоти илмии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон таҳти унвони «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» қобили таваҷҷуҳи хос буда, рисолаи комил ва таҳқиқоти муфассалу густурда ва дар айни замон мушаххасу пашуҳишӣ бо забону баёни шевою фасеҳ аз арзиши баланди илмӣ бархӯрдор ва аз огоҳиву маълумоти саршори муаллиф дар ин самт гувоҳӣ медиҳад. Муаллиф пашуҳиши хешро дар муқаддима, ду боб бо фаслҳои ҷудогона, хулосаву тавсияҳои мантиқӣ ва феҳристи адабиёт фароҳам овардааст, ки мазмун ва мундариҷаи он дар автореферати диссертатсия дақиқ ва шоиста дарҷ гардидааст.

Муҳаққиқ коркарди равишу шеваҳои ҳалли масъалаҳои математикии матниро ба воситаи таълими ҳамгироии фанҳо дар мисоли омӯзиши фанни математикаи синфҳои ибтидоӣ ба маърази таҳқиқ гирифта, фикру мулоҳизаҳои худро бо овардани мисолу масъалаҳои қонеъкунанда аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ илман асоснок намудааст, ки ҳамгироии фанҳои таълимӣ бо фанни математика дар алоҳидагӣ мушаххас нишон дода шудааст.

Тазаккур бояд дод, ки ҳалли масъалаҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ дар рушди зеҳнии хонандагон, бедории шавқу ангеза ва ташаккули малакаҳои тафаккури мантиқӣ таъсири мусбат бар ҷой гузошта, қобилият ва фаҳму дарки донишомӯзро ташаккул ва мустаҳкам мегардонад, ки ин нуқтаи муҳим дар матни фишурдаи рисола хеле возеҳ таъкид ва қайд ёфтааст, ки ин иқдом ба ҳусну муҳтавои таҳқиқот афзалият эҳдо намудааст.

Рисолаи ба анҷомрасонидаи муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки бо мақсади назарпурсӣ аз хонандагони муассисаҳои таълимӣ озмоишҳои педагогӣ анҷом додааст, ки раванди таълими ҳалли масъалаҳои математикии матниро бо суд бардоштан аз ҳамгироии фанҳои таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ қазовату таҳлил намудааст, ки маҳсули он дар ҷадвалҳои алоҳида тариқи ташхис ва натиҷагирӣ баҳогузорӣ карда шудааст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷа ва мулоҳизаҳои худро мантиқан дуруст ва аз диди илмӣ ба ҳадди аҳсан арзёбӣ намудааст, ки шоистаи тақдир ва омӯзиш мебошад. Тавсияҳои ироанамудаи муҳаққиқ дар роҳи баланд бардоштани маънавиёти хонандагон арзиши муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳамзамон мазмун ва мундариҷаи асосии рисола дар 6 мақолаи илмие, ки дар феҳристи маҷаллаҳои номнавишташудаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, ки таълифоти интишорёфта муҳтавои комили фишурдаи рисоларо дар худ инъикос намудаанд.

Аз ин лиҳоз, метавон рисолаи мавзурро аз рӯи маводи пажуҳишӣ ва ҳалли амиқи масоили мавриди таҳқиқ тадқиқоти илмии анҷомёфта арзёби кард.

Тартиб ва танзими автореферати диссертатсияи унвонҷӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ буда, диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад ва соҳиби он барои сазовор шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагоги арзанда аст.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи математикаи олӣ
ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Шарипов Н.З.

16.10.2025.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Фирдавсӣ кучаи Борбад 48\2
Тел: (+992) 985538930;
E-mail: nusrat@mail.ru

Имзои н.и.п., Н.З. Шариповро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.